# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсия ва автореферати Фозилзода Шерафкан Орзу дар мавзуи «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир (Дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) - шаҳри Душанбе, 2026 с. 213 с.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Мавзуъ, мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), аз ҷумла: банди 1 - «Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ»; банди 4 - «Сифати ташкили чорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ» (технология ва усули баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мувофиқ мебошад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.**

Иҷтимоишавии ҷавонон дар донишкадаҳои олии ҳарбии ҷумҳурӣ дар ҷомеаи мо падидаи нав буда, яке аз муҳимтарин вазифаи имрӯзаи илму маориф маҳсуб меёбад ва инкишофу пешбурди он дар заминаи педагогикаи миллӣ айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим касб намудааст.

Бо назардошти талаботи рӯзафзуни ҷомеаи муосир, зарурати таъмини суботи иҷтимоӣ, ҳамбастагии шаҳрвандӣ ва рушди устувори кишвар, муассисаҳои таҳсилоти олӣ бояд ба тарбияи шахсиятҳои ҳамаҷониба рушдёфта ва иҷтимоан масъул равона карда шаванд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии босуръати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ танҳо соҳиб будани донишу малакаҳои касбӣ барои муваффақияти шахсият ва ҷомеа кофӣ нест. Донишҷӯён бояд дорои сифатҳои иҷтимоӣ, фарҳанги шаҳрвандӣ, масъулиятшиносӣ, қобилияти мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбанда ва омодагӣ ба иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ бошанд.

Бо такя ба таълимоти ниёгон ва баҳрабардорӣ аз арзишҳо ва муқаддасоти миллию умумибашарӣ комёбиҳои назаррасе дар тарбияи насли ҷавонон ба даст омаданд, ки онҳоро дар роҳи садоқат ба Ватан,

эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, худогоҳию хештаншиносӣ ва масъулияти шаҳрванд ҳидоят менамояд.

Аз ин лиҳоз, мавзуи таҳқиқотии интихобнамудаи Фозилзода Шерафкан Орзу дар мавзуи «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир (Дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» бамаврид ва муҳим арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи асоснокнокӣ ва муътамад будани хулоса ва тавсияҳо.**

Махсусан бояд қайд кард, ки навсозии низоми таҳсилоти олии касбӣ ва такмили асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври назаррас фаъол гардида, таҳқиқи мавзуи мазкур амалишаваии як қатор санадҳои калидӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва касбии баъд аз муассисаҳои таҳсилоти олӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи оиннома ва сохторҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Консепсияи мактаби миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2006), Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030-ро дар бар гирифта, унвонҷӯ Фозилзода Ш.О. амалӣ гардидани ҳадафҳои меъёрӣ-ҳуқуқии мазкур, шаклу усул ва роҳҳои баланд бардоштани сатҳи иҷтимоишавӣ, тарғибу ташвиқи одоби муоширát, риояи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ва дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва ҷавонмардиву ахлоқи ҳамида ба воя расонидани онҳоро дар робита бо муассисаҳои таълимӣ ва аҳли ҷомеа таҳқиқ намудааст.

Мавқеи муаллифи диссертатсия дар ҷустуҷӯи роҳу усулҳои иҷтимоишавии ҷавонон мавриди истифода аз арзишҳои миллӣ ифода ёфта, масъалаҳои мубрамии баланд бардоштани сатҳи маърифати иҷтимоӣ ва фарҳангии иҷтимоишавии ҷавонон дар осори файласуфон ва мутахассисони хориҷӣ Ю. К. Бабанский, Т. Парсонс, В. В. Давидов, Л. В. Занков, В. А. Крутетский, М. Н. Скаткин, П. Р. Атутов, А. Н. Леонтев, М. А. Данилов, Т. И. Шамова ва ватанӣ М. Лутфуллозода, Х. Раҳимзода, Л. М. Иматова, Х. Буйдоқов, Ф. Шарифзода, И. Х.

Каримова, Ш.А.Шаропов, Ф. Гулмадов, Ш. П. Котибова, М. В. Саидов, Э. Ҷонмирзоев, А. Ҳамроқулов, С. Холназаров, С.О. Сатторов, Д. Шарипова, Н. С. Собирова, Р. Ҳ. Неъматов ва дигарон ба мероси педагогии ниёгон рӯ оварданд ҳамаҷониба дида баромадааст.

Муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки дастгоҳи илмии кори таҳқиқотии худро мувофиқ ба мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқотӣ банду баст намуда, нуқтаҳои назариявию амалии бо ҳамдигар мантиқан алоқамандро омӯзад ва амалӣ гардонад. Маълум аст, ки таҳқиқи паҳлуҳои илмӣ, методологӣ ва арзишҳои педагогии фарҳанги халқи тоҷик баъди соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон зиёдтар мавриди таваҷҷуҳи пажӯҳишгарон қарор гирифт, ки ин дар таҳқиқоти мазкур низ махсус мавриди таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Ин ба муҳаққиқ имконият додааст, ки дар раванди таҳқиқот ба масъалаи мавриди назар аз дидгоҳи иҷтимоӣ, яъне ҷабҳаҳои психологӣ-педагогии он ягонагии мақсадноки тарбиявӣ нигариста, ҳиссиёт, шуур ва рафтори ҷавононро дар робитаи байниҳамдигарӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор диҳад. Ҳангоми коркард ва баррасии фарзияи таҳқиқот, нуқтаҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда, ҷанбаҳои фалсафӣ-таърихӣ ва шароити психологӣ-педагогии раванди иҷтимоишавии донишҷӯён таъкид гардида, хусусиятҳои психологию инкишофи тафаккури донишҷӯён ба ҳисоб гирифта шудаанд.

**Навгонии илмии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада** чунин нуқтаҳои арзишмандро арзёбӣ менамояд, ки дар заминаи омӯзишу таҳлили назариявии равандҳои иҷтимоишавии донишҷӯён арзёбӣ гардида, асосҳои методологии он муайян шудаанд. Моҳияти иҷтимоишавии донишҷӯён дар омодагии онҳо барои амалигардонии нақшҳои иҷтимоӣ – аз қабили мутахассиси соҳибтахассус, шаҳрванди фаъол, узви оила ва иштирокчии ҳаёти ҷамъиятӣ – ифода ёфтааст, мақсад ва муҳтавои раванди иҷтимоишавӣ ҳамчун ташаккули шахсияти иҷтимоишудаи донишҷӯ тафсир ёфтааст, ки он дорои маҷмуи муносибатҳо, дониш, малака ва хислатҳое мебошад, ки барои фаъолияти босамар дар муҳити иҷтимоӣ заруранд. Дар таҳияи амсилаи назариявию амалии иҷтимоишавии донишҷӯён исбот намудааст, ки минбаъд татбиқи чунин роҳу усулро аз тарафи омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, метавонад ҳамчун воситаи методологӣ барои арзёбӣ ва такмили фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода шавад.

Методҳои назариявию амалии интихобгардида ва истифодашуда ба муаллиф имконият додаанд, ки дар раванди пажӯҳиш ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардида, роҳҳои амалӣ гардидани мақсаду вазифаҳо,

хулосаи илмӣ, тавсияҳои методиро барои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотию волидон коркард ва пешниҳод намояд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** мутобиқи хусусиятҳое, ки дар натиҷаи таҳлил муайян шудаанд, мафҳуми иҷтимоишавии донишҷӯён воситаҳои фаъолсозии таълимии донишҷӯён равшан карда шуда, таснифоти субъектҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки дар раванди таълим дар заминаҳои гуногун истифода мешаванд, таҳия гардидааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти илмӣ.** Тавсияҳои методологии таҳияшуда (шаклҳо, усул ва воситаҳои истифодаи дониш ва малакаи илмӣ) такмили ҷараёни таълимро дар иҷтимоишавӣ ва баланд бардоштани сатҳи сифати корҳои таълимии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъмин менамоянд, ки дар замони ҷаҳонишавӣ муҳим мебошанд.

Бинобар ин, таҳқиқот оид ба масъалаи иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир муҳим буда, метавонанд ҳамчун замина барои таҳқиқоти сотсиологӣ, фарҳангшиносӣ, психологӣ, иҷрои вазифаҳои тарбиявӣ ва ташаккули ҳиссиёт, тасаввурот, амалу рафторҳои худшиносию ватандӯстӣ ба таври маҷмуӣ хидмат кунанд. Дар таҳқиқот маҷмуи шароиту имкониятҳои истифодабарии омилҳои этнофарҳангӣ пешниҳод карда шудаанд, аз онҳо омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот метавонанд истифода бурда, сатҳу сифати фаъолияти касбии худро такмил диҳанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ** аз мавқеи методологию иҷтимоии кори таҳқиқотӣ, интихоб ва таҳлилу баррасии заруратӯ имконияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир ҳосил мегардад. Бинобар ин, муҳаққиқ бо истифода аз методҳои назариявию таҷрибавӣ дар шароити муосири иҷтимоию педагогӣ иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро амалӣ гардонда, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин намудааст.

**Саҳми шахсии довталаби илмӣ дар таҳқиқот** дар самтҳои зерин ифода гардидааст: асосноккунии назариявӣ ва амалии масъалаи таҳқиқшаванда аз нигоҳи фалсафӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва педагогӣ. Муҳаққиқ дар рафти иҷрои кори таҳқиқотӣ ба ҷанбаҳои илмию педагогӣ такя намуда, имконияти онҳоро ҳамчун авомили созанда дар шароити муосири иҷтимоӣ-педагогӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Аз ҷониби унвонҷу дар маҷаллаҳои такризшавандаи илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда дар 6 мақола ва дар дигар нашрияҳо 4 мақола интишор гардидааст. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар, ҷаласаҳои шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ироа гардидаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса оид ба ҳар як боб, хулосаи умумӣ ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Муаллиф дар муқаддимаи диссертатсия оид ба зарурати таҳқиқи масъала, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ ва сарчашмаи маълумот, навгониҳо ва аҳмияти назариявию амалии таҳқиқот, фарзия ва нуқтаҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда, истифодаи заминаҳои эмперикӣ маълумот додааст.

**Боби якуми диссертатсия** «Асосҳои назариявии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» мебошад, ки дар он масъалаҳои назариявӣ ва методологии масъалаи иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба баррасӣ гардидааст. Ҳамзамон мафҳуми «иҷтимоишавӣ» ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоӣ-педагогӣ баррасӣ намуда, онро ҳамчун раванди воридшавии фаъоли шахс ба низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, азхудкунии арзишҳо, меъёрҳо, нақшҳо ва шаклҳои рафтори иҷтимоӣ тавсиф гардидааст.

Дар боби мазкур нақши муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳамчун муҳити махсуси иҷтимоӣ, ки дар он ташаккули арзишҳо, меъёрҳои рафтор, мавқеи шаҳрвандӣ, худшиносии касбӣ ва масъулияти иҷтимоии донишҷӯ сурат мегирад, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудаст. Муассисаи таҳсилоти олӣ ҳамчун фазои ҳамгирои таълимӣ, тарбиявӣ ва иҷтимоӣ тавсиф меёбад, ки дар он донишҷӯ дар ҷараёни омӯзиш, фаъолияти беруназсинфӣ ва ҳамкории иҷтимоӣ таҷрибаи зиндагии шаҳрвандӣ ва касбии худро ташаккул медиҳад.

**Дар боби дуюм** «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» иҷтимоишавии донишҷӯён ҳамчун раванди мақсадноки педагогӣ баррасӣ гардида, механизмҳо, воситаҳо ва технологияҳои таъсиррасонӣ ба ташаккули шахсияти иҷтимоишудаи донишҷӯ муайян мегарданд.

Дар боби мазкур таваҷҷуҳи асосӣ ба пайванди мутақобилаи раванди таълим, тарбия ва фаъолияти иҷтимоии донишҷӯён равона шуда, нишон дода шудааст, ки маҳз ҳамин ҳамгирой заминаи ташаккули мавқеи иҷтимой, худшиносии касбӣ ва масъулияти шаҳрвандиро фароҳам меорад.

Муаллиф методикаи муайян намудани дараҷаи иҷтимоишавии донишҷӯён пешниҳод намуда, дар он он ба маҷмуи меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва усулҳои ташхис такя мекунад. Ин тарзи кор имкон медиҳад сатҳи ташаккули арзишҳои иҷтимой, ангезаҳо, муносибатҳо, рафтори иҷтимой ва омодагии донишҷӯён ба фаъолияти шаҳрвандӣ ва касбӣ ба таври илмӣ муайян карда шавад. Муҳаққиқ иҷтимоишавиро падидаи бисёрҷанба баррасӣ намуда, онро маҷмуи сифатҳои маърифатӣ, арзишӣ, ангезавӣ, коммуникатсионӣ ва рафторӣ шуморидааст, ки дар фаъолияти таълимӣ ва иҷтимоии донишҷӯён ифода меёбанд.

**Дар боби сеюми диссертатсия** «Таҳқиқу озмоиши шароитҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» масъалаҳои хусусиятҳои иҷтимоишавии фаъолияти таълимию маърифатии донишҷӯён, таҳқиқ ва озмоиши таълимии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва санҷиши самаранокии шароити педагогии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод гардидааст.

Дар боби мазкур ҷараёни озмоишӣ ба тартиби татбиқи амсилаи таҳияшуда ва методикаи пешниҳодшуда асос ёфта, самаранокии он дар ташаккули иҷтимоишавии донишҷӯён мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Истифодаи амсилаи иҷтимоишавӣ ва технологияҳои психологию педагогӣ ба баланд бардоштани сатҳи иҷтимоишавӣ, рушди сифатҳои ахлоқӣ, фаъолнокии маърифатӣ ва масъулияти иҷтимоии донишҷӯён дар шароити бухронҳои иҷтимой ҳамчун омили муҳими ташаккули маънавиёти ҷавонон дар раванди иҷтимоишавӣ мегардад.

Муҳаққиқ бо риояи методологияи таҳқиқоти илмӣ, корбурди таҳқиқоти илмии фалсафӣ, иҷтимоӣ, психологӣ, педагогӣ, такя намудан ба заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии иҷтимоишавии ҷавонон, истифодаи мақсадноки маҷмуи методҳои самарабахши таҳқиқотӣ, ки онҳо иҷрои мақсад, вазифа, фарзияи илмӣ ва мантиқии гуногунпаҳлуи (иҷтимоӣ, психологӣ, педагогӣ) масъалаи таҳқиқотӣ мувофиқ мебошад, таҳлили мафҳумҳои калидии хоси мавзуи таҳқиқотиро ба роҳ мондааст.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилоотӣ методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлили мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи

таҳқиқотӣ, ки ба ҳадаф, фарзия, предмет, вазифа ва мантиқи таҳққот мувофиқанд, мувофиқ карда шуданд. Илова бар ин, натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда ва маҷмуаи маводи конференсияҳо дар шакли мақола ва фишурдаҳои илмӣ ба табъ расидаанд.

Бо назардошти натиҷаҳои таҳқиқот унвонҷӯй маҷмуи хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои методиро ҷиҳати тақвият бахшидан ба раванди иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир пешниҳод намудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории кори диссертатсионӣ** ба талаботи Дастурамали КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқат менамояд.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи зарурӣ таҳия гардида, ба мазмуни диссертатсия мувофиқ аст ва доир ба моҳияти таҳқиқотии гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф тасаввуроти аникро бозгӯ мекунад. Инчунин, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб, ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳу фаҳмо бароварда шудааст.

**Эродҳо ба рисолаи илмӣ ва фишурдаи он**

Бо баробари арзёбӣ намудани дастовардҳои илмии таҳқиқоти мазкур, дар диссертатсия ва автореферати он чанд норасоиҳо ва камбудиҳо ба назар мерасанд, ки баҳисобгирӣ ва бартарафсозии онҳо дар такмилу сифати минбаъдаи кори илмӣ ба муҳаққиқ мадад хоҳад расонд. Аз ҷумла:

1. Дар таҳқиқот ба ҳамкории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо хонавода вобаста ба иҷтимоишавии донишҷӯён аҳамият дода мешуд, арзиши илмии корро бештар менамуд. Зеро хонавода ниҳодест, ки асоси ҳама гуна тарбия дар он тарҳрезӣ мегардад.

2. Хуб мешуд, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ масъалаи истифодаи ВАО, сомонаҳои иҷтимоӣ оид ба иҷтимоишавии ҷавонон, таъсири ин расонаҳо ба шуур ва худшиносии аҳли ҷомеа таҳлилу баррасӣ мешуд, аҳамияти амалии таҳқиқот бештар мегардид.

3. Мақсаднок мебуд агар муҳаққиқ оид ба масъалаи мавриди назар зиёдтар ва бештар аз таҳқиқоти олимони ватанӣ истифода менамуд.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоию техникӣ роҳ ёфтаанд, ки онҳо ба таҳриру ислоҳ ниёз доранд.

Ҳамзамон бояд қайд кард, ки камбудию норасоиҳои қайд шуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертатсияро коста намегардонад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводи заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст.

Кори диссертатсионии Фозилзода Шерафкан Орзу дар мавзуи «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир (Дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) кори таҳқиқотии мустақилона иҷрошуда ва анҷомёфта буда, аз рӯйи сохтор тибқи талабот ба кори илмӣ-таҳқиқотӣ барои ноил шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ омода гардидааст.

Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

Адабиёти истифодашуда ба мавзуъ ва масъалаи таҳқиқотӣ мантиқан робита доранд. Мазмуну муҳтавои кори диссертатсионӣ ба ихтисоси интихобшуда мутобиқат менамояд.

Автореферат мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар гирифтааст.

Интишороти муҳаққиқ, ки дар саҳифаҳои нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастури таълимӣ-методӣ, маҷмуаи маводҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр гардидаанд, ба мазмуну муҳтавои кори диссертатсионӣ мувофиқат менамоянд.

## ХУЛОСА

1. Диссертатсияи Фозилзода Шерафкан Орзу дар мавзуи «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир (Дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) кори ба анҷомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Кори диссертатсионии Фозилзода Шерафкан Орзу ба талаботи пешниҳоднамудаи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ва таҳрири нави он аз 26.06.2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

3. Муаллифи таҳқиқот Фозилзода Шерафкан Орзу барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович

12.05.2026

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд,
кӯчаи Камоли Хуҷандӣ, бинои 146, ҳуҷраи 5.
Тел.: +992 92 771 78 70.
Почтаи электронӣ: sharofzod1954@mail.ru.

Имзои Шаропов Ш.А.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадр ва корҳои махсуси
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Сайдуллозода З.С.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбекова, 1; Тел.+992 (992-3422) 6-52-73;
Почтаи электронӣ: ittiloothgu@mail.ru

12.05.2026